**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6 .Биохимия пешниҳод гардидааст.**

Яке аз манбаъҳои асосии истеҳсол намудани доругиҳои растанигӣ дар саноати дорусозӣ ин растаниҳои эфмероидӣ мебошад, ки таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад доир ба омӯзиши динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ бахшида шудааст. Барои муайян кардани пайвастагиҳои химиявӣ аз таркиби растании сичи ҳисорӣ ва сичи калон унвонҷӯ аз усулҳои ҳозиразамон ба монандӣ электрофарези қатрагӣ, спектр ИС-Фуре ва хромотографияи самаранокиаш баландӣ моегӣ истифода бурдааст. Натиҷаҳои бадастовардашудаи унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад нишон додааст, ки растании номубурда дорои модаҳои зиёди органикӣ мебошад. Ин пайвастагиҳои омӯхташуда дар раванди истеҳсолоти доругиҳои растанигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳадди имкон нав мебошад. Омӯзиши пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании сич (*Eremurus*) ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳими ашёи хом барои истеҳсоли доруҳои растанигӣ аҳамияти калон дорад, зеро он аз пайвастагиҳои гуногуни модаҳои органикӣ бой мебошад, ки аз ҷониби диссертант Султонмамади Гулмамад мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Зикр бояд кард, ки автореферати мазкур пурра мазмун ва муҳтавои диссертатсияро иникос намуда, тибқи талабот анҷом дода шудааст.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Султонмамади Гулмамад дар мавзӯи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия пешниҳод гардида, таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферат ва диссертатсияи Султонмамади Гулмамад аз ҷиҳати аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи навоварӣ ва асоснокии илмӣ, он ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонмамади Гулмамад барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**
Дотсенти кафедраи геоэкологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои биологӣ Раҳимзода М.М.

**Суроға**: 734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи Авесто27,
ҳуҷраи 212, Тел (+992) 938797850.

Имзо, вазифа ва дараҷаи илмии
М.М.Раҳимзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Рудакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи геоэкология.
Сомонаи расмӣ: www. tgpu.tj
Тел +992(37) 22411383
“13” 03 соли 2026